**Тақриз**

ба автореферати диссертатисияи ҶАМШЕДЗОДА ХУСРАВ ҶАМШЕД дар мавзӯи “Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ ” ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.07 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ пешниҳод шудааст.

Чорводорӣ яке аз соҳаҳои муҳими комплекси агросноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта дар таъмини аҳолии кишвар бо маводи ғизоии ниёзи аввал мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Рушди соҳаи чорводорӣ имконият медиҳад, ки на танҳо аҳолӣ бо маводи ғизоӣ, инчунин саноати коркард низ бо ашёи хом таъмин карда шавад. Соҳаи гӯсфандпарварӣ аз ҷиҳати мавқеъ ва аҳамияташ дар соҳаҳои чорводории Тоҷикистон аҳмияти махсус дошта пешрафти минбаъдаи он дар беҳтар шудани сатҳи некуаҳволии мардум ва баланд бардоштани иқтисодиёти мамлакат мусоидат мекунад.

Бинобар ин сабаб кори диссертатсионии Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед дар мавзӯи “Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ” хело муҳим ба шумор рафта нисбати баланд бардоштани сифатҳои маҳсулнокии зоти гӯсфандони гӯшту пашму равағандеҳи тоҷикӣ, нигоҳдорӣ ва зиёд намудани саршумори онҳо аҳамияти калон дорад.

Унвонҷӯй дар давоми солҳои тулони дар шароити парвариши чарогоҳии куҳӣ корҳои илмию таҳқиқотӣ оид ба мукаммалгардонидани сифати ирсӣ, инчунин баланд бардоштани маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ - гӯшт, думба ва пашм хело корҳои назаррасро ба анҷом расонидааст. Ба диссертант муяссар гаштаст, ки дар доираи саршумори мавҷудаи ду хоҷагии зотпарварӣ саршумори муайяни авлодҳои ин зотро пайдо намояд ва дар асоси он усулҳои самараноки ҷуфтикунонии байниавлодиро кор карда барояд.

Бо ин мақсад истифодаи ҷуфтикунии байниавлодии зерин гузаронида шудааст: қӯчқорҳои авлоди X бо мешҳои VIII ва қӯчқорҳои авлоди I бо мешҳои IV. Дар натиҷа муайян гардидааст, ки ҳангоми аз модар ҷудо намудани барраҳо дар синни 4,5-5,0 моҳагӣ дар хоҷагии зотпарварии ба номи С. Шерназаров вазни зиндаи қӯчқорчаҳо ва барраҳои модинаи авлоди X - VIII нисбат ба I-IV каме зиёд буда, фарқияти он назаррас нест ва дар парваришгоҳ бошад вазни зиндаи қӯчорбараҳо якхела буда, барраҳои модина нисбат ба ҳамсолони авлоди X - VIII то 5,88 % зиёдро ташкил додааст. Дар умум истифода намудани чарогоҳи тобистона вазни зиндаи барраҳои

хоҷагии зотпарварии ба номи С.Шерназаров 7,3-7,7 маротиба ва Парваришгоҳ бошад то 8,6 - 10,5 маротиба нисбат ба давраи таваллуд зиёд шудааст.

Аз ҷиҳати тароши пашми баҳорӣ байни қӯчқорҳои наслдеҳ ва мешҳои калонсоле, ки аз натиҷаи ҷуфтикунонии байниавлодӣ гирифта шудаанд фарқият хеле кам ба назар мерасад. Дарозии миёнаи пашми гӯсфандон аз 20,6 то 24,3 см-ро ташкил додааст.

Дар маҷму таҳқиқотҳои гузаронидаи унвонҷӯй кории илмии ба итмом расонидашудабуда, дорои аҳмияти назариявию амалӣ мебошад. Бо назардошти ин чунин хоҳиш доштам:

-нишон додани ратсиони хӯронидани гӯсфандон дар хоҷагиҳо ҳангоми фасли замистон мувофиқи мақсад мебуд.

**Хулоса:** Таҳқиқотҳои ба анҷом расонидаи Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед дар мавзӯъи “Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.07 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ пешниҳод шудааст, дорои аҳмияти амалию назариявӣ буда ба талаботҳои Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои диссертасияҳои номзадӣ пешниҳод шудаст ҷавобгу мебошад ва худи муалиф Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед барои додани унвони илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.07 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ сазовор мебошад.

Ноиб-президенти Академияи илмҳои
кишоварзии Тоҷикистон, доктори илмҳои
биологӣ, узви вобастаи АИКТ Амиршозода Ф.С.

16 декабри с. 2024.

Телефон: +992 988 46 45 64

Эл. Почта: afaizullo@mail.ru

Имзои Амиршозода Ф.С.-ро тасдиқ менамоям:
Сармутахассиси оид ба кадрҳо АИКТ Ғаниева Г.

АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН · ТАДЖИКСКАЯ АКАДЕМИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ НАУК · ШУЪБАИ КАДРҲО · ОТДЕЛ КАДРОВ